«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
профессор________Ибодуллозода А.И.
«_16_» январи_______2023

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи **«Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович соли 2006 факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо дараҷаи мутахассис аз рӯи ихтисоси "забонҳои хориҷӣ" бо касби муаллими забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ хатм кардааст. Аз соли 2012 то соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи забони франсавии факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст. Аз соли 2015 то соли 2016 ба сифати омӯзгори калони кафедраи мазкур кор кардааст. Аз соли 2016 то соли 2018 дар вазифаи муовини декан оид ба корҳои таълими факултети забонҳои романӣ-германӣ кору фаъолият намудааст. Аз соли 2018 то соли 2019 дар вазифаи мушовири академӣ-эдвайзери факултети забонҳои романӣ-германӣ дар шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратии донишгоҳ кору фаъолият намудааст.

Аз соли 2019 то соли 2022 ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи мудири

кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи забонҳои хориҷии факултети забонҳои романӣ-германӣ кору фаъолият намудааст.

Аз августи соли 2022 то ин ҷониб ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи забони франсавии факултети забонҳои романӣ-германӣ кору фаъолият менамояд.

Маликов А. Р. ба ҳайси унвонҷӯ 30-апрели соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул ва мавзӯи номзадиаш таҳти унвони «Таҳлили семантикию муқоисавии сифатҳои аслӣ дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ»дар Шурои олимони донишгоҳ аз 30. 04 соли 2012 таҳти суратҷаласаи №4 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони муосири русии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия, Салимов Рустам Давлатович таъйин гардидаанд.

Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар якҷоягӣ бо кафедраи забони франсавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 02.04.2020, № 8 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи мазкурро бо иштироки муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Ҳ. Б. ва номзади илмҳои филологии кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ғаниева М. А. баррасӣ ва муҳокима намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии сифатҳои аслии ду забон – забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, ки аз назари типологӣ аз ҳам мухталиф ва аз назари хешовандӣ шомили як оила мебошанд, бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат менамояд.

**Муҳимияти мавзуъ**, бо он муайян мегардад, ки кори мазкур дар самтҳои нави забоншиносӣ – забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии муқоисавӣ, анҷом дода шудааст.

Ҳар як забон хусусияти миллии худро дорад ва дар он на танҳо хусусияти вазъи табиӣ, балки фарҳангӣ ва хулқу атвори ба худ хоси миллӣ инъикос мегардад. Бинобар ин, ба хусусиятҳои фарҳангиву миллии мардум ҳамчун таҳкурсии таърихии рушди он баҳо дода мешавад. Аз ҳамин нигоҳ ба таври комил ва ҳамаҷониба доир ба тавзеҳоти сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар шакли муқоисавӣ то ба ин рӯз кори таҳқиқотие вуҷуд надорад.

Тазаккур бояд дод, ки забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз ибтидо то ба имрӯз бо вуҷуди дигаргуниҳо асолати бунёдиашонро ҳифз намудаанд. Ин забонҳо дар тӯли таърихи худ барои соҳибонашон қобили фаҳм буда, аз ҳудуди қарнҳо бо тасаллути сулолаҳо ва ҳукуматҳои мухталифи бегонатабор, таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабӣ дар низоми пайвастори маъноӣ ва сохторӣ дучори таҳаввулоти зиёд гардидаанд. Ин таҳаввулот ба луғоту истилоҳот, тағйирёбии унсурҳои маъноию ҷойгиршавии калимаву таркибот бештар ба назар мерасад. Аз ин рӯ баробари рушди ҷамъият, ки соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти одамонро фаро мегирад, забон пайваста такомул ёфта, таркиби дастурии он мукаммал мешавад, захираи луғавиаш ғанӣ ва зиёд мегардад. Мисоли равшани ин ҳодисаро метавон дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мушоҳида намуд, зеро забонҳои мазкур дар пешрафти иқтисодиёт ва маданияти халқҳои соҳаи ин забонҳо нақши муассир мебозанд. Рушду такомули забон бешубҳа дар назди забоншиносон вазифаҳои нав ба навро мегузорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, пеш аз ҳама, пажӯҳиши мазкур махсуси муқоисавии хусусиятҳои сифатҳои аслии

забонҳои низомашон гуногуни мутааллиқ ба як оилаи забонҳо – забони тоҷикӣ ва форонсавӣ аст. Дар диссертатсия аз нуқтаи назари забоншиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ умумият ва фарқияти сифатҳои аслии забонҳои мавриди зикр, ки ду мардуми аз назари ҳудудӣ аз ҳам дур, ки забонашон мансуби як ҳавзаи ҷуғрофӣ нест, яъне забони тоҷикӣ ва забони форонсавӣ муайян мегардад.

Масъалаҳое, ки дар диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хеле мушаххас буда, бандҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. муайян намудани ҳолати дараҷаи таҳқиқи сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ;
2. омӯзиш ва муқоисаи сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ;
3. муайян намудани ҷанбаҳои сохторӣ, грамматикӣ ва луғавию семантикии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ;
4. таҳлилу таҳқиқи муфассали сифат ва дараҷаҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ бо овардани мисолҳои мушаххас;
5. муайян ва мушаххас намудани ҷинсияти сифатҳо ва мутобиқати онҳо дар шахсу шумора, дар забони форонсавӣ;
6. муайян ва мушаххас намудани умумият, шабоҳат ва тафовути сифатҳои асӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ дар шакли муқоисавӣ бори нахуст дар шакли диссертатсия ба таври мукаммал таҳиқ карда шуд.

Доир ба мавзуи диссертатсия диссертант 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, дар конференсияҳои байналмилалӣ, илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону

устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ (солҳои 2013-2023) мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Таркиби диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида ва ба талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садридин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи ғайринавбатии Шурои олимони факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд** аз 18 нафар аъзои Шурои олимон 17 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабаби узрнок иштирок надошт.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** “тарафдор” – 17 нафар, “муқобил” – 0 нафар, – 0 бетараф, суратҷаласаи ғайринавбатии №1 аз 10 январи соли 2023.

Раиси Шурои олимони
факултети забонҳои романӣ-германӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Қувватова С. М.

Муқарризони холис:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви вобастаи АИ
Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Ҳ. Б.

Номзади илмҳои филологӣ,
муаллими кафедраи забони франсавии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Ғаниева М. А.

**Котиби Шурои олимони факултет:**
ассистенти кафедраи забони олмонии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Ҷабборов А. Ҷ.

Имзоҳои Қувватова С. М., Султон Ҳ. Б., Ғаниева М. А. ва Ҷабборов А. Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, ш.Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 121
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 (37) 224 -13-83
WWW: www.tgpu.tj
E-mail: info@tgpu.tj
12.01.2023